# ҚАРОРИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

**аз 24. 09. 2022** **ш. Душанбе**

Баромади Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи **«Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»**, аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, баромади муқарризони расмӣ **Мухторов Зайнидин Мухторович** – доктори илмҳои филологӣ, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, **Саъдиева Гулистон Фатоевна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон Шербоев Саидбой, Қосимов Олимҷон ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшоро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович.

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи **«Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»**, аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни 2021 №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-ро диҳад.

Дар овоздиҳӣ иштирок намуданд: 11 нафар; Тарафдор – 11 нафар; Зид – нест; Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна

24 сентябри соли 2022